Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-015 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон 734042, шаҳри Душанбе, хиёбони акамемикҳо Раҷабавҳо 10

## ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи Холов Тоҳирҷон Толибҷонович дар мавзуи «Тақвияти фазои мусоиди сармоягузорӣ ҷиҳати рушди саноати маъданҳои кӯҳии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика пешбинӣ гардидааст.**

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои тасдиқнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) тасдиқ гардидааст ба бандҳои 2, 21 ва 22 мутобиқат менамояд.

**Муҳимияти мавзӯи таҳқиқот.** Рушди саноати маъдани кӯҳӣ дар замони муосир яке аз соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти мамлакат ба ҳисоб меравад. Моҳияти мубрамияти таҳқиқот дар ин соҳа дар он аст, ки пас аз истиқлолият ба даст овардан, лоиҳаҳои нави азхудкунии сарватҳои маъданӣ дар мамлакат бештар таҳия ва татбиқ гардид истодааст. Ҳолати ташкили фазои мусоиди сармоягузорӣ дар рушди саноати маъданҳои кӯҳии мамлакат мубоҳисаҳои майдони васеъи илмию оммавиро фароҳам меоварад.

Рушди муносиб ва устувори иқтисодӣ дар шароити муосир то андозае аз ҳолат ва фазои мусоиди сармоягузорӣ дар рушди саноати маъданҳои кӯҳӣ вобаста мебошад. Шаклҳои фаъолияти фазои мусоиди сармоягузории саноати маъдани кӯҳӣ - омили муайянкунанда ва асоси тамоми раванди такрористеҳсолоти ин самт дар мамлакат ва минтақаҳои он ба ҳисоб меравад.

Дар баробари ин, муайян намудани хусусиятҳое, ки тараққиёти иқтисодии корхонаҳои саноати маъдани кӯҳиро дар асоси лоиҳаҳои сармоягузории ба гардиши саноатии конҳои ашёи хоми минералӣ ҷалб гардидааст аҳамияти махсус дорад.

Дар таҳқиқот механизмҳои тақвияти фазои сармоягузории рушди иқтисодии корхонаҳои саноати маъданҳои кӯҳӣ дар асоси татбиқи

лоиҳаҳои сармоягузории самти маъданҳои кӯҳӣ ва сенарияи ба муносибатҳои иқтисодӣ ҷалб намудани конҳои истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ дар кишвар пешниҳод гардидааст, ки ин ҳолат бо дар назардошти захираҳои кифоягии маъадани кӯҳии кишвар хеле мубрам мебошад.

Аз ин рӯ, тақвияти фазои сармоягузории корхонаҳои саноати кӯҳӣ дар асоси лоиҳаҳои сармоягузории конҳои ояндадор бо мақсади дарки самаранокии тиҷоратии азхудкунии онҳо муҳим буда, натиҷаҳои бадастомадаи ӯнвонҷӯ аҳамияти илмӣ ва амалӣ доранд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навгонии таҳқиқот дар коркарди самтҳои асосии тақвияти фазои мусоиди сармоягузорӣ ва пешниҳодҳо ҷиҳати рушди саноати маъданҳои кӯҳии Тоҷикистон муқаррар карда шудаанд. Нуқтаҳои асосие, ки навгонии илмии диссертатсияро ифода мекунанд, аз инҳо иборатанд:

**Тақвияти фазои мусоиди сармоягузорӣ ҷиҳати рушди саноати маъданҳои кӯҳии Тоҷикистон**

- диссертант дар асоси таҳлилҳои фарзияҳои олимони ватанию хориҷӣ таърифи муаллифии худро оид ба самти омӯзишӣ пешниҳод намудааст, аз ҷумла: “Фазои сармоягузорӣ ин маҷмӯи шароитҳои хоси ҳар як кишвар, соҳаи мушаххаси он мебошад, ки асоси рушди бомуваффақияти иқтисодӣ ҳам дар замони муосир ва ҳам оянда буда ва он ба беҳтар шудани нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодии рушди кишвар, соҳаҳои алоҳидаи он ва афзоиши саҳми онҳо дар ММД ва рушди некуаҳволии ҳалқ мусоидат менамояд”;
- муаллиф дар диссертатсия дар шароити муосир таркиби фазои сармоягузориро дар саноати маъданҳои кӯҳӣ дар намудҳои сармояи ҷисмонӣ, сармояи инсонӣ ва сармояи технологӣ дар шакли маблағгузории таҳқиқотӣ ҷудо намудааст;
- ӯнвонҷӯ дар самти рушди саноати маъданҳои кӯҳии мамлакат барои таҳлил ҶДММ КМ Тоҷикистону Амрико «Анзоб»-ро арзёбӣ намуда, муайян намудааст, ки Тоҷикистон дорои иқтидори захиравии табиии сарватҳои зеризаминӣ буда, дар татбиқи он таъсиси корхонаҳои нави калони саноати маъдан ва металлургияро зарур мебошад. Рушди он аз дарёфти захираҳои маъданию табиӣ, истифодаи самараноки онҳо ва коркарди ҳамаҷонибаи маҳсулоти саноатӣ вобаста мебошад;
- дар баробари ин, дар асоси таҳлили рушди минбаъдаи саноати маъданҳои кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶДММ КМ Тоҷикистону Амрико «Анзоб» дурнамои он асоснок карда шуда, пойгоҳи захиравию маъданӣ ва рушди босуръати истеҳсоли маҳсулоти саноати маъданҳои кӯҳӣ ва металлургия тараққиёти минбаъдаи соҳаро ташкил хоҳанд дод;

- илова бар ин, аз тарафи ӯнвонҷӯ механизмҳои тақвияти фазои сармоягузорӣ ҷиҳати рушди саноати маъданҳои кӯҳии Тоҷикистон таҳия карда шудааст, ки дар чунин самтҳо асос меёбанд: афзоиши доимии захираҳои маъданҳои фоиданок тавассути рушди иктишофи геологӣ бо роҳи маблағгузории ватанию хориҷӣ; баркарорсозии корхонаҳои корношоям, тавсеаи фаъолияти истеҳсолии онҳо тавассути ҷорисозии технологияи пешқадами коркарди маъданҳои фоиданок; бо мақсади зиёд кардани номгӯи маҳсулот ва пӯшонидани эҳтиёҷоти истеъмолкунандагони дохилӣ талаботи корхонаҳои коркарди металл ва мошинсозӣ ба металлҳои сиёҳ, ранга, қиматбаҳо ва нодир қонеъ гардонида шавад; таъмини воридотивазкунӣ ва содироти маҳсулоти ниҳоӣ бо арзиши баланди иловагӣ;

- аз ҷониби муаллиф, идоракунии корпоративии тақвияти фазои мусоиди сармоягузорӣ ҷиҳати рушди саноати маъданҳои кӯҳӣ асоснок гардида, барои таъмини шаффофияти идоракунии молиявӣ дар корхонаҳои саноати маъданҳои кӯҳӣ принсипҳои идоракунии корпоративӣ пешниҳод шудааст.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

Диссертант дар рафти таҳқиқоти худ якчанд нуқтаҳоро барои ҳимоя пешниҳод намудааст, аз ҷумла - асосноккунии равишҳои назариявию методии таъмини рушди инноватсионию сармоягузории иқтисодиёт, ки дар ин асос таърифи муаллифӣ оид ба мафҳуми фазои сармоягузорӣ пешниҳод гардидааст. Дар кори диссертатсионӣ ҷузъҳои муҳимтарини таркибии фазои сармоягузорӣ, арзёбии сатҳи муосири саноати маъданҳои кӯҳии кишвар дар мисоли ҶДММ КМ Тоҷикистону Амрико «Анзоб», дурнамои рушди минбаъдаи саноати маъданҳои кӯҳӣ, механизмҳои тақвияти фазои сармоягузорӣ дар рушди саноати маъданҳои кӯҳӣ ва самаранокии идоракунии корпоративӣ дар ташаккули ҷолибияти сармоягузорӣ ва тақвияти фазои сармоягузорӣ дар корхонаҳои саноати маъданҳои кӯҳии ватанӣ

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.**

Дар **муқаддимаи** диссертатсия мубрамии мавзуъ, дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барнома ва мавзуҳои илмӣ асоснок карда шуда, мақсад, вазифаҳо, объект, предмет ва фарзияи таҳқиқот муайян гардида, ҳамзамон маълумот оид ба асосҳои назариявию методологии таҳқиқот, сарчашмаҳои маълумот, пойгоҳи таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии

натичаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия, ҳамчунин сохтор ва ҳаҷми диссертатсия оварда шудааст (с.4-14).

Дар боби якум **“Асосҳои назариявию методологии ташаккули фазои сармоягузорӣ дар саноат”** моҳият ва ташаккули равишҳои таҳқиқи фазои сармоягузорӣ дар саноат, усулҳо ва принсипҳои арзёбии фазои сармоягузорӣ дар соҳаҳои саноат ва таҷрибаи хориҷии танзими давлатии фазои сармоягузорӣ дар саноати маъданҳои кӯҳӣ баррасӣ гардидааст (с. 15-67).

Диссертант дар асоси таҳлилҳо мафҳуми муаллифии худро оид ба фазои сармоягузорӣ қайд намудааст: Фазои сармоягузорӣ - ин маҷмӯи шароитҳои хоси ҳар як кишвар, соҳаи мушаххаси он мебошад, ки асоси рушди бомуваффақияти иқтисодӣ ҳам дар ҳозира ва ҳам дар оянда буда, он дар беҳтар шудани нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодии рушди кишвар, соҳаҳои алоҳидаи он ва афзоиши саҳми онҳо дар ММД ва рушди некуахволии ҳалқ инъикос меебад (с. 30).

Ба андешаи муаллиф, мукаммалгардонӣ ва фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ саъю кӯшиши иловагиро чӣ аз ҷониби ҳукумат, ва чи аз ҷониби вазорату мақомотҳои дарлдори соҳавӣ ва корхонаҳои саноатии маъдани кӯҳӣ ислоҳотҳои ҷиддиро, инчунин истифодаи таҷрибаи ҳориҷиро, талаб мекунад (саҳ. 52).

Ҳамзамон, муаллиф дар диссертатсияи ҷузъҳои муҳимтарини таркибии фазои дар саноати маъданҳои кӯҳиро ҷудо карда, намудҳои зерини сармоягузорӣ, ки ба замонависозии саноати ҷумҳурӣ таъсир мерасонанд қайд намудааст: сармояи ҷисмонӣ (таҷҳизот, мошинҳо, биноҳо ва ғ.); сармояи инсонӣ, асосан ҳамчун хароҷоти таҳсил ва омӯзиши усулҳои идоракунӣ; сармояи технологӣ дар шакли маблағгузории таҳқиқот (с. 66).

Дар боби дуюми диссертатсия **“Таҳлили вазъи муосири рушди саноати маъданҳои кӯҳӣ ва арзёбии фазои сармоягузории он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”** баҳодиҳии иқтидори захиравии саноати маъданҳои кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон, арзёбии динамикаи ҷалби сармоя ва таъсиси корхонаҳои саноати маъдани кӯҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳлилу арзёбии фазои сармоягузорӣ дар саноати маъданҳои кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муаллиф мавриди омӯзиш қарор додааст (с. 68-126).

Ба ақидаи муаллиф, зиёда аз 93% қаламрави Тоҷикистонро кӯҳҳо ва доманакӯҳҳо ташкил медиҳанд, ки дар онҳо сарватҳои зиёди маъданӣ мавҷуданд. Дар айни замон, садҳо кони металлҳои ранга, нодир ва асил муайян карда шуданд. Ба туфайли корҳои пуршиддат ва васеъмиқёси иктишофӣ дар ҷумҳурӣ конҳои металлҳои ранга - сурб ва руҳ, висмут, молибден, волфрам, сурма, стронсий, тилло, нуқра ва ғайра кашф ва коркард карда шудаанд (с.68).

Дар диссертатсия муаллиф ҳамзамон, қайд менамояд, ки бо мақсади ҷалби сармоя ва таъсиси корхонаҳои нави саноати маъдан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2019-2021 номгӯи як қатор созишномаҳои сармоягузорӣ ба имзо расонида шударо ншон додааст (с. 99-100).

Дар боби сеюм аз ҷониби муаллиф **“Самтҳои асосии беҳтарсозии фазои сармоягузории рушди саноати маъданҳои кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон”** афзалиятҳои беҳтарсозии фазои сармоягузорӣ дар соҳаи истихроҷи маъдан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, самтҳои афзалиятноки тақвияти фазои сармоягузорӣ дар саноати маъданҳои кӯҳӣ ва ташаккули низоми идоракунии корпоративӣ дар корхонаҳои саноати маъданҳои кӯҳӣ - ҳамчун омили тақвияти фазои сармоягузорӣ асоснок ва пешниҳод карда шудааст (с. 127-182).

Дар ин боб муаллиф, афзалиятҳои беҳтарсозии фазои сармоягузорӣ дар соҳаи истихроҷи маъданро ошкор намуда, дуруст қайд менамояд, ки саноати истихроҷи маъдан яке аз омилҳои асосии рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон мебошад, ки аҳолии он аз истихроҷи маъдан фоидаи зиёд доранд ва дар оянда низ боқӣ мемонад. Инчунин, қайд гардидааст, ки идоракунии нодурусти экологӣ ва иҷтимоии лоиҳаҳои истихроҷи маъдан метавонад ба ҳолати захираҳо, гуногунии биологӣ ва ҷомеаҳои маҳаллӣ таъсири манфии назаррас расонад (с. 149).

Ба андешаи муаллиф, якчанд самтҳои самтҳои афзалиятноки тақвияти фазои сармоягузорӣ дар саноати маъданҳои кӯҳӣ мавҷуд мбошад, аз ҷумла баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузорӣ, такмили хизматрасониҳо ба сармоягузорон, афзоиши сармоягузорӣ ба инфрасохтори соҳавӣ, рушди низоми кафолатҳо ва имтиёзҳои давлатӣ барои беҳтар намудани фазои соҳибкории соҳавӣ, баланд бардоштани саводнокии молиявии роҳбарони соҳавӣ (с. 161-166).

Илова бар ин, аз тарафи ӯнвонҷӯ баъд аз таҳлили маълумотҳо дар диссертатсия исбот намудааст, ки ҷорисозии низоми идоракунии корпоративӣ шарти асосии баландбардории самаранокии идоракунии корхонаҳои саноатӣ ва таъмини рушди устувори онҳо дар шароити бозор мебошад (с. 182).

Диссертатсияи тақризшаванда бо **хулоса ва тавсияҳои** судманд барои рушди ояндаи объекти таҳқиқот анҷом меёбад (с.183-188).

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар инкишофи илмии фазои сармоягузорӣ ва илова ба он бо воситаи коркарди ҳолатҳои медодологӣ оид ба рушди саноати маъданҳои кӯҳӣ асоснок намудани мавҷудият ва ҳаматарафа истифодабарии иқтидори мавҷудбуда рушди саноати маъданҳои кӯҳӣ ифода меёбад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар истифодабарии тақвияти фазои сармоягузорӣ ҷиҳатӣ рушди саноати маъданҳои кӯҳӣ дар раванди коркарди санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии ниҳодҳои давлатии Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин муҳаққиқони ватанию хориҷии ин соҳа метавонад хизмат намояд.

**Аҳамияти иқтисодии таҳқиқот дар** рушди саноати маъданҳои кӯҳӣ бо самаранокии фаъолияти корхонаҳо, саноатикунонии босуръати соҳаҳои саноати маъдан ва металлургия тавассути рушди иктишофи корҳои ҷустуҷӯи-геологии конҳо бо ҷалби маблағҳои дохила ва беруна, рушди фаъолияти корхонаҳои корношоями маъданҳои кӯҳӣ бо истифодаи технологияи пешқадам ва дигарон асос меёбад.

Натиҷаҳои назариявӣ, методӣ ва амалии ба дастовардашудаи тадқиқоти диссертатсионӣ дар ҷараёни таълим барои омода намудани бакалавр, магистрон ва докторантон, барои хондани фанҳои махсус, ба монанди “Ташкили истеҳсолот”, “Менеҷменти инвеститсионӣ”, “Идоракунии сармоягузорӣ” ва дигарҳо истифода шуданаш мумкин аст.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Натиҷаҳои диссертатсия дар 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар нашрияҳои аз тарафи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофгаридида дар ҳаҷми 12,1 ҷ.ш.ч., ва 4 адад мақолаи илмии дар дигар нашрияҳо чопшуда инъикос ёфтаанд.

Мутобиқи мақсади гузошташуда ва масъалаҳои тадқиқот нақшаи кори диссертатсионӣ мураттаб гаридааст, ки аз сарсухан, 3 боб, 9 параграф, хулоса ва пешниҳодҳо, рӯихати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Диссертатсия дар 209 саҳифаи компютерӣ чоп шуда, дар он 20 ҷадвал, 3 расм ва 3 замима ва 156 адабиёт оварда шудааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои

тасдиқнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) мувофиқат мекунад.

Ба андешаи мо дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ, диссертатсияи тақризшаванда дорои як қатор камбудию норасогиҳо мебошад, ки аз инҳо иборат аст:

1. Дар рафти таҳқиқот диссертант тартиби таҳқиқи лоиҳаҳои сармоягузории ин самтро мавриди омӯзиш қарор додааст. Ба манфиати кори диссертатсионӣ мебуд, агар унвонҷӯ лоиҳаҳои сармоягузории самти саноати маъданҳои кӯҳии аз тарафи Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро истифода аз усулҳои гуногуни баҳодиҳии сармоягузорӣ таҳлил намуда, самаранокии онҳоро хулосагирӣ менамуд;

2. Муаллиф, дар кори диссертатсионӣ оид ба рушди саноати маъданҳои кӯҳӣ таҳлилҳои амиқ гузаронидааст, аммо хуб мешуд, ки бо назардошти таъминот ва иқтидори захиравии саноати маъданҳои кӯҳии кишвар, роҳҳои ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ бо мавҷудияти имтиёзҳо инъикос менамуд;

3. Мутаасифона, диссертант ҳангоми иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ корҳои илмӣ-таҳқиқотии муқарризи расмӣ А.К. Сафоевро ба инобат нагирифтааст ва дар дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ ворид накардааст, ҳарчанд дар ин самт муқарризи расмӣ корҳои илмии зиёде ба анҷом расонидааст;

4. Таркиби кор дорои баъзе ғалатҳои ороишии расмҳо ва хатогиҳои имлоӣ мебошад.

Бо ибрози чунин нуктаи назар метавон гуфт, ки диссертатсияи Холов Тоҳирҷон Толибҷонович ба камбудиҳои номбар кардашуда нигоҳ накарда, дар сатҳи зарурӣ омода карда шудааст ва аз ҷиҳати мазмун мутобиқи талаботҳои мавҷудбуда мебошад.

Умуман диссертатсия дар мавзӯи «Тақвияти фазои мусоиди сармоягузорӣ ҷиҳати рушди саноати маъданҳои кӯҳии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика ба талаботҳои муқарраршуда мутобиқ буда, тавсия дода мешавад, ки кори илмии асоснокгардидаи ба итмом расида ҳисобида шуда, дорои ҳалли масъалаи аҳамияти соҳавидошта ба шумор рафта ва муаллифи он Холов Тоҳирҷон Толибҷонович сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои

иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика мебошад.

Муқарризи расмӣ,
н.и.и., дотсент, мудири кафедраи
назарияи иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкории
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ
ва соҳибкории Тоҷикистон Сафоев А.К.

Нишона: Ҷумҳурии Тоҷикистон 734055 ш. Душанбе хиёбони Борбад, 48/5. Тел: (+99237) 2348800, факс: 2348802; Web: www. iutet.tj. E-mail: dsx_ips@mail.ru; E-mail: safoev@list.ru, Моб: + 992934578282;

Имзои Сафоев А.К.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДБССТ Ҷураев Ш.Н.

*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-015*
*назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон*
*ба номи академик М.С. Осимӣ*
*(ш. Душанбе, хиёбони ак. Раҷабовҳо 10 а)*

# ТАҚРИЗИ

**муқаррizи расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ходжаев Парвиз Давронович ба диссертатсияи Холов Тоҳирҷон Толибҷонович дар мавзуи «Тақвияти фазои мусоиди сармоягузорӣ ҷиҳати рушди саноати маъданҳои кӯҳии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.01 –«Иқтисодиёти саноат ва энергетика» пешниҳод гардидааст**

## Мутобиқати диссертасия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ

Диссертатсияи Холов Тоҳирҷон Толибҷонович дар мавзуи «Тақвияти фазои мусоиди сармоягузорӣ ҷиҳати рушди саноати маъданҳои кӯҳии Тоҷикистон» тибқи фаслҳои зерини Шиносномаи номенклатураи ихтисосҳои олимони Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисоди соҳаҳо (08.00.04.01 – Иқтисодиёт саноат ва энергетика) анҷом дода шуд: б.2. Ташаккули механизмҳои тараққиёти устувори иқтисодиёти соҳаҳои саноат, маҷмааҳои сӯзишворию энергетикӣ, мошинсозӣ, филизӣ ва дигар маҷмааҳои хоҷагии халқ, корхонахо; б. 21. Ҳолат ва дурнамоҳои тараққиёти маҷмааҳои сӯзишворию энергетикӣ, мошинсозӣ, филизӣ; б. 22. Ҳолат ва самтҳои асосии сиёсати сармоягузорӣ дар маҷмааҳои сӯзишворию энергетикӣ, мошинсозӣ, филизӣ.

## Мубрамии мавзуи таҳқиқот

Дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саноат омили муҳимтарини ҳалли масъалаҳои стратегӣ буда, ҳиссаи он дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ҳамасола ба тадриҷ зиёд гардида истодааст. Ҳамзамон татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси сенарияи индустриалию инноватсионӣ мубрамияти баррасӣ ва ҳалли масъалаҳои вобаста ба рушди саноатро бештар менамояд. Бинобар ин яке аз масъалаҳои муҳими таъмини рушди устувори саноати миллӣ ин тақвияти фазои сармоягузорӣ дар сатҳи соҳаҳои саноат мебошад, ки солҳои охир саноати маъдани кӯҳӣ дар ин самт пешсаф мебошад. Бо назардошти нақш ва аҳамияти рушди саноати маъданҳои кӯҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосноккунии назариявӣ ва коркарди тавсияҳои амалӣ дар самти такмили фаъолия сармоягузорӣ дар соҳаҳои саноат мубрамияти хос пайдо мекунад.

Таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон нишон медиҳад, ки ҳоло бештар барои рушди сармоягузории соҳаҳои коркарди маъдан сармоягузориҳои мустақим истифода мегардад, ки тавасути тақвияти

фазои сармоягузорӣ бо пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ ташаккул ёфтанд. Раванди рушди системаи иқтисоди бозорӣ истифодаи самараноки механизми сармоягузорӣ, воситаҳои он ва моделҳои муосири танзими давлатиро талаб мекунад. Таҳлили ин раванд аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дошта, такмили механизми муосири сармоягузорӣ бо заминаи мувофиқи инфрасохторӣ ва институтсионалӣ аҳамияти стратегӣ доранд. Коркарди нокифояи масъалаҳои ба миён гузошташуда мубрамӣ ва аҳамияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсиониро таъкид месозанд.

Новобаста аз таваҷҷуҳи зиёд ба мушкилоти фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рушди саноат, дар адабиёти иқтисодӣ то ҳол муносибати ягона ба муайян кардани чунин мафҳумҳо, ба монанди фаъолияти инноватсионӣ, фазои сармоягузорӣ вуҷуд надорад, ки ин таҳқиқот ва таҳлили қарорҳои гуногуни ташкилӣ, технологӣ ва техникиро дар самти фаъолияти саноати маъданҳои кӯҳӣ ва корхонаҳои соҳа мушкил мекунад.

Дар адабиёти иқтисодии ватанӣ масъалаҳои такмили принсипҳо ва механизмҳои илмӣ, методологӣ ва методӣ барои ташаккули фазои мусоиди сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нокифоя боқӣ мондаанд. Аз ин лиҳоз муҳимияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии Холов Т.Т. бебаҳс мебошад.

### Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд

Муқарраротҳои илмии дар диссертатсия ифодаёфта аз ҷиҳати хислатҳои муосири тадқиқоти гузаронидашуда эътимоднокии худро тавсиф менамояд. Амалигардонии таҳлили назариявӣ ва методологӣ вобаста ба дуруст истифода намудани усулҳои дарккунии илмӣ, иҷрои корҳои иттилоотию ҷустуҷӯи, таҳқиқи миқдорӣ ва сифатӣ иборат мебошад. Таҳқиқот ба истифодаи маҷмӯи усулҳои умумиилмӣ аз қабили усулҳои таҳқиқи равандҳои таърихӣ, таҳлил ва синтез, индуксия, дедуксия, амсиласозии мантиқӣ ва ҳамчунин усулҳои махсус асос ёфтааст.

Натиҷаҳои тадқиқоти диссертант дар нашриётҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар маҷаллаҳои конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва байналҳалқӣ интишор гардидааст.

### Саҳеҳӣ ва навгонии илмии таҳқиқот ва натиҷаҳои гирифташуда

Таҳлили рисола нишон дод, ки дар натиҷаи таҳқиқот натиҷаҳои нав оид ба таҳқиқи ҷанбаҳои назариявӣ доир ба тақвияти фазои мусоиди сармоягузорӣ ҷиҳати рушди саноати маъданҳои куҳии Тоҷикистон гузаронида шуда, нуқтаи назари муаллиф нисбати моҳияти ин раванд дар шароити муосир аниқ баён карда шудааст.

Муаллиф дар заминаи ҷамъбаст кардани равишҳои назариявӣ ва амалӣ нисбат ба муайян кардани рушди инноватсионию сармоягузории иқтисодиёт, таърифи муаллиф оид ба мафҳуми сармоягузорӣ пешниҳод карда шудааст, ки ҳамчун маблағгузориҳои дарозмуддати сармояро дар

шакли моддӣ, пулӣ ё ғайримоддӣ (моликияти зеҳнӣ) бо мақсади гирифтани фоида, самараи иҷтимоӣ ва экологӣ ба корҳонаҳои саноатӣ фаҳмида мешавад. Ҷузъҳои муҳимтарини таркибии фазои сармоягузорӣ дар марҳилаи кунунии рушди иқтисодӣ Тоҷикистон ва аз ҷумла дар саноати маъданҳои кӯҳӣ ҷудо карда шудаанд. Бояд тазаккур дод, ки намудҳои зерини сармоягузорӣ ба замонависозии саноати ҷумҳурӣ таъсир мерасонанд: сармояи ҷисмонӣ (таҷҳизот, мошинҳо, биноҳо ва ғ.); сармояи инсонӣ, асосан ҳамчун хароҷоти таҳсил ва омӯзиши усулҳои идоракунӣ; сармояи технологӣ дар шакли маблағгузории таҳқиқот.

Дар дисертатсия дар сатҳи зарурӣ арзёбии сатҳи муосири рушди саноати маъданҳои кӯҳии кишвар дар маҷмӯъ ва ширкати Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди корхонаи муштараки Тоҷикистону Америко «Анзоб» гузаронида шудааст. Иқтидори захиравии табиии сарватҳои зеризаминии Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди афзалиятноки заминаи маъданӣ ва дар ин замина азхудкунии иқтидорҳои мавҷуда ва таъсиси корхонаҳои нави калони саноати маъдан ва металлургияро тақозо мекунад. Рушди минбаъдаи саноатии иқтисоди Тоҷикистон бештар аз зиёд шудани захираҳои маъданию табиӣ, истифодаи самараноки онҳо ва рушди маҳсулоти саноатии онҳо то маҳсулоти ниҳоӣ вобаста аст. Дурнамои рушди минбаъдаи саноати маъданҳои кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди корхонаи муштараки Тоҷикистону Америко «Анзоб» асоснок карда шудааст. Исбот шудааст,ки рушди минбаъдаи саноати маъдани кӯҳӣ ва металлургӣ бештар аз ҳолат ва дурнамои рушди пойгоҳи захиравию маъданӣ ва дар ин замина, рушди босуръати истеҳсоли маҳсулоти саноати маъданҳои кӯҳӣ ва металлургия вобаста аст.

Ҳамзамон аз ҷониби муаллиф механизмҳои тақвияти фазои сармоягузорӣ ҷиҳати рушди саноати маъданҳои кӯҳии Тоҷикистон таҳия карда шудаанд. Механизмҳои молиявии рушди инноватсионӣ ва саноатикунонии босуръати соҳаҳои саноати маъдан ва металлургия бояд, асосан, дар самтҳои асосии зерин асос ёбанд: афзоиши доимии захираҳои маъданҳои фоиданок тавассути ташкил ва рушди иктишофи геологӣ тавассути маблағгузории буҷетии иктишофи пешакӣ ва маблағгузории берунии иктишофи муфассали конҳо; барқарорсозии корхонаҳои корношоям, рушд ва тавсеаи фаъолияти истеҳсолии корхонаҳои мавҷуда, инчунин ташкили корхонаҳои нави дорои технологияи пешқадами коркарди маъданҳои фоиданок бо мақсади ба даст овардани маҳсулоти ниҳоӣ; конеъгардонии талаботи корхонаҳои коркарди металл ва мошинсозӣ ба металлҳои сиёҳ, ранга, қиматбаҳо ва нодир бо мақсади зиёд кардани номгӯи маҳсулот барои пӯшонидани эҳтиёҷоти истеъмолкунандагони дохилӣ; таъмини воридотивазкунӣ ва содироти маҳсулоти ниҳоӣ бо арзиши баланди иловагӣ. Нақши идоракунии корпоративӣ дар ташаккули ҷолибияти сармоягузорӣ ва тақвияти фазои сармоягузорӣ илман асоснок карда шуда, пешниҳод шудааст, ки дар корхонаҳои саноати маъданҳои кӯҳӣ бояд принсипҳои идоракунии

корпоративӣ ҷорӣ карда шуда, шаффофияти идоракунии молиявӣ ва фаъолияти хоҷагидорӣ таъмин карда шавад.

## Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои таҳқиқот

Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии таҳқиқот аз он иборат аст, ки муқаррароти назариявӣ, методӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳодшуда ба эҷоди заминаи илмӣ ва методологии тақвияти фазои сармоягузорӣ ҷиҳати рушди саноати маъданҳои кӯҳии Тоҷикситон мусоидат мекунанд, ки ин аҳамияти бузурги амалиро дар маҷмӯъ барои рушди иқтисоди миллии Тоҷикистон дорад.

Аҳамияти амалии кори диссертатсионӣ дар истифодаи санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, маълумотҳои омори расмӣ, маълумотҳои вазорату идораҳои дахлдор ва дигар маълумотҳои расмӣ асос ёфта, натиҷаҳои таҳқиқотҳои амалии гузаронидашуда ва тавсияҳои амалии барои тақвияти фазои сармоягузорӣ ҷиҳати рушди саноати маъданҳои кӯҳии Тоҷикситон метавонад дар оянда дар низоми идоракунии Вазорати саноат ва технологияҳои нав ва инчунин барои муҳақиқони ватанию хориҷӣ ва институтҳои муҳими давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба низоми истифодабарии тақвияти фазои сармоягузорӣ ҷиҳати рушди саноати маъданҳои кӯҳии Тоҷикистон хизмат мекунад. Маводҳои диссертатсия дар фаъолияти Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶДММ КМ ТА “Анзоб” истифода гардидаанд.

## Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот аз ҳисоби ҷалби маҳсули илмӣ – таҷрибавӣ, маълумотҳои амиқ, ҳаҷми зарурии маводҳои таҳқиқотӣ, коркард ва таҳлили маълумотҳои оморӣ, натиҷаҳои таҳқиқот ва интишори мақолаҳои илмӣ тасдиқ гардидааст. Хулосаҳо ва тавсияҳо бо таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ асоснок карда шудаанд.

## Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот

Саҳми шахсии докторант дар такмили асосҳои назариявии ташкил, дурнамо ва механизмҳои тақвияти фазои сармоягузорӣ ҷиҳати рушди саноати маъданҳои кӯҳии Тоҷикистон гузоштааст. Натиҷаҳои алоҳидаи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар таҳияи ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва татбиқи ҳадафи стратегии саноаткунонии босуръат ва барномаҳои амалинамоии он, метавонанд мавриди истифодаи васеъ қарор дода шаванд.

## Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ

Асарҳои интишоршудаи муаллиф, хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия ҷойдоштаро инъикос менамоянд. Аз рӯи натиҷаи кори диссертатсионӣ 12 мақолаҳои илмии муаллиф бо ҳаҷми умумии 12,1 ҷузъи

чопӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳо ва нашрияҳои тақризшавандаи аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда нашр шудаанд. Интишороти муаллиф натиҷаҳои асосии диссертатсияро дар бар мегирад. Дар ҳамаи мақолаи илмии Холов Т.Т. мӯҳтавои тадқиқот ба таври лозима инъикос гардидааст.

Автореферати диссертатсия тибқи талаботи муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.01 –«Иқтисодиёти саноат ва энергетика» таҳия гардида, мазмуни асосии тадқиқотро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснокгардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидаи он**

Сохтори диссертатсияи Холов Т.Т. бо дар назардошти мақсад ва вазифаҳои мукарраргардидаи таҳқиқот давомнокии мантиқиро фарогир буда, аз номгуи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодабарии амалии натиҷаҳо, адабиёти истифодашуда, инчунин рӯйхати интишороти муаллиф ва замимаҳо иборат аст. Диссертатсия дар ҳаҷми 203 саҳифаи матни компютерӣ баён гардида, дорои 20 ҷадвал ва 3 расм мураттаб гардида, феҳристи адабиёти истифодашуда 156 маъхазро дар бар мегирад.

**Дар муқаддима** (С. 4-14) аҳаммият ва дараҷаи таҳияи мавзуъ, мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмети тадқиқот, фарзияи тадқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, заминаи иттилоотӣ, эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои тадқиқот, навоварии илмӣ, аҳаммияти амалӣ, тасдиқи натиҷаҳои кор, интишорот ва сохтори рисола, асоснок карда шудаанд

**Дар боби якуми диссертатсия - «Асосҳои назариявию методологии ташаккули фазои сармоягузорӣ дар саноат»** (С. 15-67) моҳият ва ташаккули равишҳои таҳқиқи фазои сармоягузорӣ дар саноат муайян карда шуда, таҳқиқи усулҳо ва принсипҳои арзёбии фазои сармоягузорӣ дар соҳаҳои саноат, ҳамзамон омӯзиши таҷрибаи хориҷии танзими давлатии фазои сармоягузорӣ дар саноати маъданҳои кӯҳӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Муаллиф дуруст мешуморад, ки рушди саноати миллӣ дар заминаи татбиқи ҳадафи чоруми миллӣ – саноатикунонии босуръати иқтисодиёти кишвар яке аз самтҳои стратегии сиёсати иқтисодии давлат дар давраи миёна ва дарозмуҳлат мебошад. Дар ин замина солҳои охир ба масъалаҳои рушди саноати миллӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда шуда, вобаста ба ин ҳалли масъалаҳои назариявию методологӣ ва амалии рушди устувори саноат аҳамияти муҳим пайдо кардаанд. Аз ин рӯ, татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи сенарияи индустриалию инноватсионӣ сурат гирифта, мувофиқи даврабандии он марҳилаи муосири рушд ҳамчун марҳилаи рушди босуръати ба инвеститсия асосёфта эътироф шудааст. Зимнан ҷалби инвеститсияи ва ҳалли масъалаҳои мубрами он омили асосии рушди устувори тамоми соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб рафта, дар ин радиф соҳаҳои саноат истисно нестанд (С. 14-15).

Ба ақидаи муаллиф, барои таҳқиқи мушкилоти фароҳам овардани шароити мусоид барои соҳаи истихроҷи маъдан мафҳуми фазо нисбат ба иқлим қобили қабултар аст, зеро он на танҳо маҷмӯи омилҳо ва шароити дохилиро, балки берунаро низ дар бар мегирад. Бо сабаби он, ки рақобат барои ҷалби сармоягузорӣ дар соҳаи истихроҷи захираҳои табиӣ дар заминаи методологӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ амалӣ карда мешавад, бо фарогирии тамоми кишварҳои ҷаҳон, ки дар он ҷой конҳои захираҳои табиӣ ҷойгиранд ва муайян карда шудаанд, ки хусусиятҳои гуногуни иқлими сармоягузорӣ доранд (С. 30-32).

Бояд қайд кард, ки барои ҷалби сармоя таҳлил ва роҳҳои беҳтар намудани фазои сармоягузории кишвар ва минтақаҳо аҳамияти хоса дорад. Баҳодиҳии объективии фазои сармоягузорӣ пеш аз қабули қарорҳо дар бораи дурнамои сармоягузорӣ ба иқтисодиёти кишварҳои алоҳида имконнопазир буд. Ин тадриҷан имконпазир гардид, зеро таҳияи методологии рейтингҳои сармоягузорӣ барои кишварҳо ва минтақаҳои гуногун такмил ёфт. Дар ин раванд, бояд фазои сармоягузорӣ объективӣ ва дуруст арзёби гардида барои қабули қарорҳои идоравӣ бо назардошти таъмини самаранокии сармоягузориҳо қабул карда шавад. Яъне, фаъолияти сармоягузорӣ ин раванди татбиқи воқеии иқтидори сармоягузорӣ бо дарназардошти сатҳи хавфҳои марбут буда, он бо чунин нишондиҳандаҳо, ба монанди динамикаи ҷалби сармоягузориҳо, сохтори онҳо ва ғайра инъикос мегардад. Агар ба маънои васеаш тафсир намоем, ки сармоягузорӣ ба такрористеҳсоли васеъи фондҳои асосӣ дар шакли маблағгузориҳои асосӣ, рушди сармояи инсонӣ ва афзунгардонидани воситаҳои гардон сурат гирифта, ба фаъолнокии хоҷагидорӣ, молиявӣ ва сармоягузорӣ алоқаманд фаҳмида мешавад. Лекин як қисми олимон мафҳуми сармоягузориро ба маънои маҳдуд тафсир карда, онро ҳамчун хароҷот барои истеҳсол, андӯхти воситаҳои истеҳсолот ва афзоиши захираҳои моддӣ маънидод менамоянд (С.35-36).

Муаллиф дуруст меҳисобад, ки таҳлили методологияҳои маъмул ва рейтингҳо, ҳисоботҳои ширкатҳои гуногун, ки барои арзёбии объективии фазои сармоягузорӣ дар соҳаи истихроҷи маъданҳои Тоҷикистон истифода мешаванд нишон дод, ки онҳо омилҳои суботи сиёсӣ ва иқтисодии кишвар, зерсохтор, дастрасии қарздиҳӣ ва сармоягузорӣ, тахассус ва таҷрибаи қувваи корӣ ва сатҳи технологии истеҳсолотро ба инобат намегиранд. Бинобар ин, фазои сармоягузорӣ дар соҳаи истихроҷи маъдани Тоҷикистонро дар асоси таҳлили индексҳои беруна метавон ҳамчун эҳтимолан ҷолиб арзёбӣ кард, ки барои рафъи мушкилот ва фароҳам овардани муҳити мусоиди сармоягузорӣ саъю кӯшиш ва захираҳои ҷиддӣ талаб карда мешаванд. Мукаммалгардонӣ ва фароҳам овардани муҳити мусоиди сармоягузорӣ саъю кӯшиши иловагиро чӣ аз ҷониби ҳукумат, ва чи аз ҷониби вазорату мақомотҳои дарлдори соҳавӣ ва корхонаҳои саноатии маъдани кӯҳӣ ислоҳотҳои ҷиддиро, инчунин истифодаи таҷрибаи хориҷиро, талаб мекунад (С. 52-53).

Мавриди зикр аст, ки дар таҷрибаи хориҷии танзими давлатии фазои сармоягузорӣ дар саноати маъданҳои кӯҳӣ дар шароити муосир бояд ба

инобат гирифт, ки дар ин раванд имкониятҳои давлатҳои дорои иқтисодиети рушд карда нисбат ба мамлакатҳои бо иқтисодиёти ру ба тараққиёт бартариятҳои хеле зиёдро доро мебошанд, бо назардошти рушди бозори молиявии онҳо, дастраси ба захираҳои ҷаҳонӣ ва доштани усулу воситаҳои бисёр барои таъсирасонӣ ба ин раванд. Бояд қайд кард, ки давлатҳои дорои иқтидори рушд ёфтаи дорои иқтисодиети кушоди калон, на фақат барои рушди ин соҳаҳо кушиш мекунанд, балки имкониятҳои худро барои истифодаи захираҳои дигар мамлакатҳои ру ба тарақиёт ҳамчун манбаи ашъеи хом роҳандозӣ намуда, истифодаи захираҳои худиро бозмедоранд, бо назардошти манфиатҳои на миллӣ , балки роҳандозии манфиатҳои геополитикӣ. Ҳангоми ташаккули афзалиятҳои рақобатпазирии ширкатҳои саноатии ватанӣ бояд таҷрибаи истеҳсолкунандагони пешбари хориҷӣ, ки бозорҳои хориҷиро бомуваффақият инкишоф медиҳанд, бо мақсади фурӯши маҳсулоти худӣ ба назар гирифта шаванд (С. 54-55).

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки усулҳои аз ҷониби корхона ва бонк таҳия шудани низоми худӣ барои интихоби лоиҳаҳои сармоягузорӣ асоснок карда шаванд. Дар иқтисоди гузариш низоми интихобӣ барои ҳама умумӣ вуҷуд надорад, зеро ҳар як корхона дар шароити махсуси фаъолият - аз рушди устувор то ҳолати ба муфлисшавӣ наздик қарор дошта метавонад. Аз ин рӯ, ҳар як ширкат ҳангоми идоракунии сармоягузорӣ меъёрҳои худро ба роҳбарӣ мегирад. Ҳатто дар кишварҳои дорои иқтисоди бозории рушдёфта методологияи ягонаи муайян кардани самаранокии сармоягузорӣ вуҷуд надорад. Ҳар як ширкат системаҳои худро истифода мебарад. Баъзе ширкатҳо бештар ба нишондиҳандаҳои сифатӣ (муваффақияти бозор), баъзеи дигар бештар ба нишондиҳандаҳои микдорӣ (меъёри фоида) такя мекунанд. Барои содда кардани раванди интихоби лоиҳа, бояд аввал он лоиҳаҳоеро интихоб кард, ки мавриди таҳлили амиқ қарор мегиранд. Дар ин марҳила назари роҳбарияти корхона ва мутахассисони техникӣ нақши муҳим мебозад (С.58-60).

Ба ақидаи муаллиф, омилҳои муҳимтарине, ки ҳангоми муайян кардани фазои мусоиди сармоягузорӣ дар соҳа дар давлатҳои хориҷа ба назар гирифта мешаванд, инҳоянд: тамоюлҳои динамикаи бозор, аз ҷумла таҳлили мавҷудияти талабот ба маҳсулоти соҳа ҳам дар бозори хориҷӣ ва ҳам дар бозори дохилӣ дар давраи миёнамӯҳлат ва дарозмуддат; инноватсия ва пешрафти технологӣ дар саноат; муҳити танзимкунанда; нишондиҳандаҳои молиявии ширкатҳо дар соҳа; тамоюлҳои ҷаҳонӣ; муҳити рақобат; дастрасӣ ба воситаҳои хеджиркунӣ ва суғурта (С. 65-67).

**Дар боби дуюми диссертатсия – «Тахлили вазъи муосири рушди саноати маъданҳои кӯҳи ва арзёбии фазои сармоягузории он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»**, (С. 68-126) баходихии иқтидори захиравии саноати маъданҳои кӯҳии Тоҷикистон ва таҳқиқи динамикаи ҷалби сармоя оид ба таъсиси корхонаҳои саноати маъдани кӯҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуда, арзёбии фазои сармоягузорӣ дар саноати маъданҳои кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон амали карда шудааст.

Муаллиф дуруст меҳисобад, ки аз рӯи захираи бисёр металлҳои ранга, Тоҷикистон дар ҷаҳон ва дар байни Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил яке аз ҷойҳои пешқадамро ишғол мекунад. Масалан, захираи конҳои нукра, захираи сурб ва руҳ, сурма, сиенитҳои нефелинӣ ва ғайра хеле бузург мебошанд. Дар сурати гузариш ба миқёси васеъ ба истихроҷ ва коркарди амиқи металлҳои рангаи маҳаллӣ, ҷумҳурӣ метавонад ба таври сазовор ва самаранокии баланд дар бозори ҷаҳонӣ барои истеҳсоли онҳо рақобат кунад. Ба ин кор арзиши аслии нисбатан арзони неруи барқи тавлидшуда дар неругоҳҳои барқи обӣ ва меҳнати изофӣ низ мусоидат мекунад. Дар навбати аввал, ин ба коркарди конҳои дорои алюминийи сиенити нефелин ва рушди истеҳсоли алюминий дар заминаи онҳо дахл дорад. Аз рӯи тақсимот дар табиат алюминий дар байни металлҳо дар ҷои аввал аст. Он танҳо дар шакли пайвастагиҳо вомехӯрад. Ашёи хоми асосӣ барои истеҳсоли алюминий боксит, алунит ва нефелин мебошад (С. 68-70).

Ба ақидаи муаллиф, аҳамияти ҷалби сармояи хориҷӣ дар рушди саноати кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон баланд аст. Дар шароити рӯ овардан ба иқтисоди бозорӣ захираҳои табиӣ асоси табиии қувваҳои истеҳсолкунандаи ҷамъиятиро ташкил дода, дар заминаи онҳо асоси моддию техникии давлат поягузорӣ мегардад. Аз ин лиҳоз, омӯзиш, баҳодиҳӣ ва ба истифода тавсия намудан ва аз худ кардани онҳо ба пешрафти иқтисод такони пурзӯр мебахшад. Дар байни захираҳои табиӣ ашёи хоми маъданӣ ҷойгоҳи хосро соҳиб мебошад. Заминаи ашёи хоми маъданӣ унсури муҳими қувваҳои истеҳсолкунандаи табиии ҷамъият ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз, метавонем чунин аломатҳоро хос шуморем: нобаробар ҷойгир шудани конҳои канданиҳои фоиданок чӣ дар ҷаҳон ва чӣ дар дохили мамлакату мавзеъҳои ҷудогона; барқарорнашаванда будани конҳои канданиҳои фоиданоки мушаххас ва дарёфт намудани конҳои нав барои рушди минбаъда; бардавом, мураккаб ва меҳнатталаб будани циклҳои истеҳсолот; харобшаванда ва маҳдуд будани захираи конҳои истифодашаванда (С. 80-82).

Мавриди зикр аст, ки ҳангоми тартиб додани комплекси саноати маъдани кӯҳӣ нисбат ба давраи Шӯравӣ мушкилот ва душвориҳо хело зиёд пеш меоянд. Сабаби пеш омадани мушкилот ва душвориҳо дар он аст, ки на ҳама навъҳои маҳсулот истеҳсолшуда дар шароитҳои кунунии Тоҷикистон соҳаҳои истифодаи худро доранд, дуюм ин ки на ҳама маҳсулоти истеҳсолшуда дар шароитҳои имрӯза пурра истифода шуда метавонанд. Ба ибораи дигар, соҳаҳои саноати имрӯзаи кишвар ва корхонаҳои саноатии амалкунанда чӣ аз ҷиҳати навъ ва чӣ аз ҷиҳати миқдор ба маҳсулотҳои истеҳсолшуда кам ниёз доранд, зеро дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон, ки кишвари аграрию саноатӣ мебошад, соҳаҳои саноат маҳдуд буда, суст рушд ёфтаанд. Аз ин лиҳоз, зарурате пеш меояд, ки қисми зиёди маҳсулоти истеҳсолшуда ҳамчун мол ба хориҷ содир карда шавад. Мушкилоти дигар ин ҳамеша ва сари вақт воқиф будан ба талаботи мол дар бозори ҷаҳонӣ мебошад. Кадом мамлакат ба кадом навъҳои моли дар дохили мамлакат истеҳсолшаванда, бо кадом миқдор ниёз дорад, рақобатпазирии ин молҳо дар бозори ҷаҳонӣ чӣ мавқеъ пайдо хоҳад кард,

ҳангоми фурӯш чӣ миқдор фоида ба даст оварда мешавад, минбаъд ба кадом мамлакатҳо робитаҳои иқтисодиро мустаҳкам кардан лозим аст ва дигар масъалаҳоро ҳал кардан лозим аст. Пас, ҳалли ин масъалаҳо кори мураккаб, бисёрҷабҳа буда, фаъолияти гурӯҳи калони олимон, иқтисодшиносон, ходимони муҳандисию техникӣ, экологҳо, геологу географҳо ва ғайраҳоро тақозо дорад ва гуфтан ба маврид аст, ки ҳалли ин масъалаҳо шитобкориро наметалабад (С. 86-88).

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки солҳои охир шумораи корхонаҳи саноати маъдан, аз он ҷумла дар самти истихроҷи маводҳои сӯзишворӣ зиёд гардида, дар давраи таҳлилшаванда ҳамчунин ҳаҷми истихроҷи ангишт, маводҳои сӯзишворӣ, маъданҳои дар таркибашон оҳандор ва дигар соҳаҳои маъдан афзоиш ёфтааст. Солҳои охир бо мақсади ҷалби сармоя ва таъсиси корхонаҳои нави саноати маъдани куҳӣ бо Ширкати маъдани "Чжитсун Литий" ва Ширкати куҳкории Зиҷинг мувофиқа шудааст, ки дар соҳаи иктишоф ва коркарди саноатии маъданҳои дорои тилло, мис ва дигар металлҳо иқтидорҳои нав таъсис дода мешаванд. Яке аз қадамҳои устувори дар рушди саноати маъдани кишвар ин таъсиси ҶДММ "ТВЕА Душанбе саноати кӯҳӣ" дар мавзеи Кумарғи болои ноҳияи Айнӣ ба ҳисоб меравад. Коргоҳи холисгардонии тилло ва нуқраи "ТВЕА Душанбе саноати кӯҳӣ" дар масоҳати 45,2 гектар бунёд шуда, арзиши лоиҳавии он 4 миллион доллари америкоиро ташкил медиҳад. Дар коргоҳ консентрати маъдан бо маҳлулҳои кимёӣ дар ду марҳила коркард шуда, тилло ва нуқраи холис истеҳсол карда мешавад. Иқтидори истеҳсолии коргоҳ дар як сол ба 4 тонна тилло ва 1 тонна нуқра баробар аст. Ҳоло дар коргоҳ 30 нафар бо ҷойи кори доимӣ таъмин мебошад (С. 94-96).

Муаллиф чунин меҳисобад, ки барои рушди минбаъдаи корхонаҳо ва пешгирии зуҳуроти бӯҳронӣ дар саноати истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст: таҳияи барномаҳои давлатии рушд ва ҳавасмандгардонии саноати маъдан, ҷорӣ намудани дастгирии давлатии фаъолияти инноватсионӣ, масалан, дар заминаи корхонаҳои истихроҷи маъдан ташкил намудани кластерҳои саноатӣ; мубодилаи моддӣ, фондҳои инноватсионӣ ва инвеститсионӣ; таҳияи сиёсати нави давлатии маъдан ва ашёи хом дар соҳаи тадқиқоти сарватҳои зеризаминӣ; барқарор ва рушди системаи давлатии иктишофи геологии сарватҳои зеризаминиро барои ба вуҷуд овардани афзоиши пешбинишудаи захираҳои кашфшудаи канданиҳои фоиданок аз ҳисоби маблағҳои давлат ва истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ таъмин намоянд; талабот ва қоидахои ягонаи истифодаи сарватҳои зеризаминиро ташаккул диҳанд ва пардохти ҳаққи истифодаи онҳоро муайян намоянд (С.101-102).

Ба ақидаи муаллиф, дастгирии корхонаҳои ватанӣ ва сатҳи баланди ҷолибияти сармоягузорӣ дар самти истихроҷ ва коркарди металлҳои қиматбаҳо имкон фароҳам овард, ки заминаи мусоид барои афзоиши истихроҷи тилло тавассути татбиқи лоиҳаҳо барои конҳои қаблан кашфгардидаи Тарору Кончоч ва конҳои нав таҳқиқшудаи Покрӯд, Дуобаи Шарқӣ, Кумарғи Боло фароҳам оварда шавад. Пурзӯр кардани амалҳо оид ба воридотивазкунӣ дар корхонаҳои саноатӣ қисми асосии

тадбирҳои баланд бардоштани иқтидори содиротии кишвар мебошад. Агар содирот ҳадафи стратегӣ бошад, пас воридотивазкунӣ тадбири тактикӣ мебошад, ки дар асоси тадбирҳои мушаххас ба устувории иқтидори содиротии соҳа тавассути навсозии истеҳсолот, афзоиши иқтидорҳои истеҳсолӣ ва васеъ намудани номгӯйи маҳсулоти истеҳсолшуда равона карда шудааст. Инчунин, содироти маҳсулоти бахши истихроҷи маъдан , ки ба бозори ҷаҳонӣ ба фурӯш бароварда мешаванд, асосан ба кишварҳои зерин, ба монанди Қазоқистон, Узбекистон, Русия, Чин, Нидерландия, Афғонистон ва Покистон бароварда мешаванд. Маъдани сурма асосан ба Голландия ва Хитой содир карда мешуд; маъданҳои мис, руҳ ва сурб — ба Қазоқистон. Бештар ангишт ба Афғонистону Покистон содир мешуд (С.113-115).

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки вобаста ба ҷорӣ намудани низоми нави муносибатҳои бозорӣ, ки тақвияти механизмҳои татбиқи сиёсати саноатиро тақозо мекунанд, қабули стратегияе зарур шуд, ки барои ҳалли як қатор масъалаҳои зерин пешбинӣ шудааст: тағйирёбии мақоми корхонаҳои ҳамчун ашёи хом ва маҳсулоти нимтайёр; гузариш ба сикли пурраи истеҳсолӣ (истеҳсоли маҳсулоти ба содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунанда); суръат бахшидан ба равандҳои ҳамгироӣ ба иқтисоди ҷаҳонӣ; фаъолсозии раванди таҷдиди техникӣ ва технологии истеҳсолот; тавсеаи корҳои таҳқиқотию таҷрибавӣ ва таҳияи лоиҳаҳо барои таъсиси корхонаҳои нав; истифодаи манбаъҳои ашёи хоми минералӣ дар асоси нақшаҳои тасдиқшудаи корҳои кӯҳию геологӣ, иктишофию геологӣ ва риояи талаботи маркшейдерӣ дар раванди пешбурди корҳои оид ба истихроҷи маъдан; таъмини афзоиши истифодаи иқтидорҳо барои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ ва ҷалби захираҳои озоди меҳнатӣ ба истеҳсолот. Дар айни замон, истифодаи иқтидори истеҳсолии корхонаҳои амалкунандаи саноати маъдан дар сатҳи паст қарор дорад. Аксарияти корхонаҳо вазъи молиявии худро беҳтар намуда, тавассути ҷалби сармояи хориҷӣ дороиҳои асосии истеҳсолии худро бо технологияи муосир пурра мекунанд (С. 123-125).

**Дар боби сеюми диссертатсия – «Самтҳои асосии беҳтарсозии фазои сармоягузории рушди саноати маъданҳои кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** (С. 127-182) афзалиятҳои беҳтарсозии муҳити сармоягузорӣ дар соҳаи истихроҷи маъдан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуда, самтҳои афзалиятноки тақвияти фазои сармоягузорӣ дар саноати маъданҳои кӯҳӣ пешниҳод гардида, ташаккули низоми идоракунии корпоративӣ дар корхонаҳои саноати маъданҳои кӯҳӣ – ҳамчун омили тақвияти фазои сармоягузорӣ асоснок карда шудааст.

Муаллиф дуруст меҳисобад, ки бо воситаи танзими ташаккули фазои мусоиди сармоягузорӣ бояд сурати афзоиши соҳаи истихроҷи сарватҳои табиӣ низ танзим ёбад ва ба пайдоиши чанде аз мушкилотҳоро дар таъмини рушди устувори иқтисодӣ миллӣ, пешгири карда шавад: масъалан, аз сабаби ноустувории баланди нархи мол вобастагии иқтисодиёт аз истихроҷи моҳсулоти соҳа метавонад боиси ноустувории макро ва молиявии дар иқтисодӣ миллӣ гардад, зеро иқтисод ҳангоми

баланд шудани нархҳо авҷ мегирад ва ҳангоми паст шудани нархҳо он коҳиш меебад; барқароршавӣ ва сурати баланди афзоиши соҳаи истихроҷи сарватҳои табиӣ метавонад боиси пайдо гаштани «бемории Ҳолландӣ», яъне дар вақте болоравии қурби воқеии асъори миллӣ боиси паст шудани рақобатпазирии маҳсулоти содиротӣ шуда, коҳиши соҳаи дахлдори саноат гардад ва метавонад оқибатҳои манфии дарозмуддат дошта бошад; зарур аст, ки сохтори мувофиқ ва заминаи ҳуқуқӣ ва меъёрӣ барои таъмини адолатонаи танзими захираҳо ва ба даст овардани манфиатҳои одилона аз ҷониби тамоми бахшҳои ҷомеа роҳандозӣ шавад. Дар ҳолати аз тарафи як кисми ками аҳолӣ азхуд кардани рента ашьёи хом ба нобаробарии иҷтимои оварда, метавонад ҳам ягонагии чамъиятиро вайрон кунад, ва ҳаи омили пайдо гаштани ҳавфҳои иҷтимои ва сиесӣ шуда, ба вайрон шудани фазои сармоягузорӣ сабаб гардад (С.129-130).

Ба андешаи муаллиф, дар байни афзалиятҳо ва самтҳои асосии рушди саноати кӯҳӣ дар давраи миёнамӯҳлат инҳоянд: такмили заминаи институтсионалии рушди устувор ва пешгирикунандаи саноати маъдан; баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва диверсификатсияи корхонаҳои истихроҷи маъдан; афзоиши ҳаҷми истеҳсолот ва таъмини талаботи дохилӣ ба маҳсулоти тайёри саноати кӯҳӣ; афзоиши арзиши иловагии махсулоти саноатии саноати кӯҳӣ; равандҳои рушди кластерҳо дар саноати кӯҳӣ; мусоидат ба рушди содирот ва воридотивазкунанда дар саноати маъдан; такмили идоракунии корпоративӣ дар корхонаҳои истихроҷи маъдан; ҷорӣ намудани принсипҳои тозагии экологӣ, рақамикунонӣ, сарфаи энергия дар корхонаҳои саноати маъдан. Таъсиси заминаи институтсионалӣ барои рушди устувор ва пешгирикунандаи саноати кӯҳӣ тавассути: такмили тадбирҳои танзими гумрукӣ ва тарифӣ, сиёсати қарзӣ, молиявӣ ва андоз бо мақсади ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузории корхонаҳои саноати кӯҳӣ; таҳия ва андешидани тадбирҳои маҷмӯӣ оид ба баланд бардоштани самаранокии корҳои илмию тадқиқотӣ, аз ҷумла ташкили паркҳои технологӣ ва бизнес-инкубаторҳо, технополияҳо барои мусоидат ба рушди корхонаҳои истихроҷи маъдан; таҳияи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ оид ба рушди соҳаҳои афзалиятноки саноати маъдан (С. 134-136).

Мавриди зикр аст, ки рушди минбаъдаи инноватсионии соҳаи истихроҷи маъдан ва саноати металлургӣ аксар вақт аз ҳолат ва дурнамои рушди пойгоҳи маъданию ашёи хом ва дар ин замина, рушди босуръати истеҳсоли маҳсулоти саноати маъданҳои кӯҳӣ ва металлургия вобаста аст. Барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо вазифаҳои зеринро иҷро кардан зарур аст: омӯзиши марҳила ба марҳила ва ҳамаҷонибаи сарватҳои зеризаминӣ бо мақсади васеъ намудани пойгоҳи маъданию ашёи хом; интихоби конҳо ва таъмини корҳои иктишофӣ дар онҳо, барои кашфи конҳои гилхок, металлҳои қиматбаҳою ранга ва нодир, оҳан ва флюорит, ашёи хом барои саноати химия ва ғ.; бо маблағгузории басо маҳдуди буҷетӣ барои ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ фароҳам овардани шароити мусоиди сармоягузорӣ ва фазои иҷозатномадиҳӣ (литсензия); татбиқи чорабиниҳое, ки ба қонеъ кардани талаботи саноат ба захираҳои маъдану ашёи хом ва

таъмини афзоиши захираҳои санҷидашудаи канданиҳои фоиданок нигаронида шудаанд; таъмин ва ташкили таълим, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси мутахассисони соҳа; ба роҳ мондани фонди ягонаи иттилооти геологӣ ва ғ. (С. 141-142).

Ба ақидаи муаллиф, барои рушди минбаъдаи истихроҷи тилло дар Тоҷикистон, истифодаи гурӯҳи конҳои пошхӯрдаи тилло дар мавзеъҳои Хунукоб, Сариғор, Кофирбача, Панҷакент, Мастчоҳ, Яғноб, Возгина, Обиравнов, Дулоби Сангов бо истифодаи усулҳои муосири тақвияти фазои сармоягузори барои ҷалби сармояи дохилӣ ва захираҳои меҳнатии ватанӣ бояд пурра истфода гардад. Дар ин раванд беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ барои истеҳсоли металлҳои қиматбаҳо, ранга ва сиёҳ ва нодир иҷрои вазифаҳои иловагии зеринро талаб менамояд: содда кардани тартиби додани иҷозатномаҳо барои конҳои хурд мутобиқи таснифи захираҳои пешбинишудаи конҳо ва канданиҳои фоиданок; фароҳам овардани шароити мусоиди қарздиҳӣ барои истеҳсолкунандагон; аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ таъсис додани артелҳои заршӯӣ барои истихроҷи металлҳо ва сангҳои қиматбаҳо; ташкил ва афзоиши шумораи нуқтаҳои хариди металлҳои қиматбаҳо; ташкили назорати давлатӣ аз ҷониби мақомоти салоҳиятдори соҳаи саноат оид ба риояи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба тартиби истихроҷ ва ба нуқтаҳои харид расонидани металлҳои қиматбаҳо; тақсимоти ҳарсолаи металлҳои қиматбаҳо ба корхонаҳои заргарӣ дар доираи талаботи истеҳсолӣ; муайян кардани ҳиссаи содироти металлҳои қиматбаҳо барои корхонаҳо бо мақсади воридоти асъори хориҷӣ; ба роҳ мондани истихроҷи металлҳои қиматбаҳо бо усули заршӯӣ ва ихтиёрӣ оварда ба нуқтаҳои қабул супоридани онҳо (С. 148-150).

Муаллиф дуруст меҳисобад, ки айни замон бахши хусусӣ дар соҳаи каркард ва фуруши маданҳои кӯҳӣ бо чанде мушкилоти асосӣ рӯ ба рӯ шудааст: самаранокии нисбатан пасти аксарияти корхонаҳои хурд ва соҳибкорони инфироди, ки ҳосилнокии пасти меҳнат ва даромаднокии онро тавсиф мекунанд; ҳиссаи корхонаҳои хурд ва соҳибкорони инфироди дар ҳаҷми умумии содирот ночиз аст, ки оқибати нокифоя таҳия шудани иқтидори сармоягузории онҳо мебошад; тибқи рутбабандии Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ, ки пешбурди тиҷоратро месанҷад (Doing Business), гаронии андоз баланд боқӣ монда, тақрибан 67 фоизи фоидаи соҳибкоронро ташкил медиҳад; рушди нокифояи инфрасохтор барои дастгирии рушди соҳибкорӣ; тартиби ҳанӯз мураккаби маъмурикунонии андоз ва хароҷоти зиёди тиҷорат; расмиёти нолозими маъмурӣ, ки ба ҷалби сармояи иловагии дохилӣ ва хориҷӣ ба соҳа халал мерасонанд; сатҳи пасти технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар фаъолияти мақомоти давлатии хизматрасонӣ ба сармоягузорон; набудани назорати ҳамаҷонибаи сифати хизматрасониҳои давлатӣ ба соҳибкорон ва сармоягузорон; сатҳи нокифояи иҷрои уҳдадориҳо аз рӯи созишномаҳои тиҷоратӣ, ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои сармоягузорон; механизмҳои маҳдуди самараноки рушди соҳибкории занон; механизми нопурраи ҳалли масъалаҳои муфлисӣ ва набудани механизмҳои азнавташкилдиҳии корхонаҳои муфлис; суст бадани

дастрасӣ ба бозорҳои дохилӣ ва беруна; самаранокии пасти фаъолияти корхонаҳои хурд ва соҳибкорони инфиродӣ дар соҳа ва ғайра (С. 155-156).

Муаллиф чунин меҳисобад, ки дар марҳилаи муосири рушди саноати кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳа ширкату корхонаҳое фаъолият мекунанд, ки бештари онҳо шомили шакли хоҷагидории корпоративӣ мебошанд. Таҷриба нишон медиҳад, ки яке аз омилҳои асосии муайянкунандаи бартарияти шакли корпоративии хоҷагидорӣ ин самаранокии сохтори идоракунии онҳо буда, ташаккули низоми идоракунии корпоративӣ ҳамчун шароити умумии таҳкими пояҳои рушди устувори корхонаҳои санотӣ ба ҳисоб меравaнд. Идоракунии корпоративӣ маҷмӯи муносибатҳои байни роҳбарияти ширкат, шӯрои директорон, саҳмдорон ва дигар ҷонибҳои манфиатдорро дар бар мегирад. Илова бар ин, он сохтореро таъмин мекунад, ки тавассути он ҳадафҳои ширкат, воситаҳои ноил шудан ба онҳо, ҳадафҳо ва мониторинги фаъолияти ширкат муайян карда мешаванд (С.167-168).

Ба андешаи муаллиф, азбаски корхонаҳои саноати кӯҳӣ барои рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти стратегӣ доранд, онҳо дар бобати баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ диққати махсусро талаб мекунанд. Барои фаъолияти сохтори хоҷагидорӣ ё соҳибкорӣ, ки ба он мафҳуми «идоракунии давлатии корпоративӣ» татбиқ шудааст, шарти зарурӣ мавҷудияти иҷозати давлатӣ барои таъсис ва назорати (танзими) татбиқи ҳуқуқҳои корпоративӣ мебошад. Аз ин рӯ, идоракунии давлатӣ амалӣ намудани вазифаю ваколатҳои муайянро дар соҳаи манфиатҳои корпоративӣ, ки ба объектҳои амволи ғайримоддӣ ва ҳуқуқҳои корпоративӣ дар шароити фаъолияти мақомоти мавҷудаи идоракунӣ (раёсат, шӯрои директорон, директор) дахл дорад, пешбинӣ менамояд. Самаранокии баландтари системаи идоракунии корпоративиро дар мисоли таҳлили ҶДММ КМ “Анзоб” қайд карда,тахмин кардан мумкин аст, ки сохтори мутамаркази идоракунӣ имкониятҳои рушди корхонаҳоро дар шароити муосир хеле маҳдуд мекунад. Мафҳуми идоракунии корпоративӣ ҳамчун системаи муносибатҳои ташкилӣ ва идоракунӣ баромад намуда, аз унсурҳои муайян иборат аст: ташкили ҳамкории саҳмдорон, роҳбарони ширкат ва дигар шахсони манфиатдор; ташкили фаъолияти макомоти идоракунии ҷамъият; ташкили назорати корпоративӣ бо мақсади фаъолияти самараноки ҷамъият ва амалӣ гардонидани ҳуқуқҳои саҳмдорон (С.173-175).

**Дар хулосаи диссертатсия** (С.183-188) таклифу пешниҳодҳои илман асоснок оид ба тақвияти фазои мусоиди сармоягузорӣ ҷиҳати рушди саноати маъданҳои куҳии Тоҷикистон оварда шуда, роҳҳои дар амал татбиқ намудани онҳо дар шароити иқтисоди бозорӣ пешниҳод карда шудаанд.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи мазкур таҳқиқоти илмии ба анҷом расида махсуб шуда, дорои ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии нави ҳалли масоили тақвияти фазои мусоиди сармоягузорӣ ҷиҳати рушди саноати маъданҳои куҳии Тоҷикистон мебошад.

## Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Бояд қайд намуд, ки автореферати диссертатсия мазмуну мундараҷаи асосии диссертатсияро инъикос мекунад. Диссертатсия ва автореферати он тибқи муқарароти Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият даровarda шуда аст ва он бо забони илмии тоҷикӣ дар сатҳи хуб иншо гардидааст.

## Эродҳо ва тавсияҳои баҳсталаб доир ба шаклгирии диссертатсия

Новобаста бо бартариятҳо диссертатсия аз камбудиҳо холӣ нест. Ба қатори онҳо нуктаҳои зеринро баён намудан зарур аст:

1. Дар боби якуми диссертатсия асосҳои назариявию методологии ташаккули фазои сармоягузорӣ дар саноат дида баромада шудааст. Мутаассифона дар раванди омӯзиши заминаҳои назариявӣ на ҳамаи хусусиятҳои ташаккули фазои сармоягузорӣ дар саноат ба пуррагӣ омӯхта шуда, амсилаҳои амалисозии онҳо, ҷудо карда нашудаанд. Ҳамзамон бояд, ки дар ин боб хизмати таҳқиқотчиёни ватаниро доир ба ин масоил бо назардошти консепсияи муосири дастгирии сармоягузорӣ ҷиҳати рушди саноати маъданҳои куҳии Тоҷикистон баррасӣ намудан шарт ва зарур мебуд.

2. Дар боби дуюми диссертатсия таҳлили вазъи муосири рушди саноати маъданҳои кӯҳӣ ва арзёбии фазои сармоягузории он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи зарурӣ ба анҷом дода шудааст. Мутаассифона дар диссертатсия нишондиҳандаҳои асосии ҷолибияти сармоягузорӣ, ба пуррагӣ дақиқ баён карда нашудаанд. Аз тарафи дигар баҳодиҳии самаранокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ ҷиҳати рушди саноати маъданҳои куҳии Тоҷикистон гузаронида нашуда, пешниҳодҳои мушаххас ҷиҳати таъсири онҳо ба рушди минтақа ва ноҳияҳои мамлакат дар шароити муосир арзёбӣ карда нашудааст.

3. Дар диссертатсия ҷойи махсус ба афзалиятҳои беҳтарсозии фазои сармоягузорӣ дар соҳаи истихроҷи маъдан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дода шудааст. Вале модели мукаммали идоракунии таъминоти сармоягузорӣ дар соҳаи истихроҷи маъдан дар чорчӯбаи амалисозии Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон то соли 2030 бо назардошти ташаккули механизми рушди иқтисоди миллӣ дар доираи сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат пешниҳод нагардидааст.

4. Дар зербоби 3.2 диссертатсия самтҳои афзалиятноки тақвияти фазои сармоягузорӣ дар саноати маъданҳои кӯҳӣ баррасӣ карда шудааст. Мутаассифона механизми муносиби ҷалби маблағгузориҳо ба рушди саноати маъданҳои кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод нагардидааст. Хуб мешуд, ки истифодаи механизми шарикии бахши давлатӣ ва хусусӣ ҳамчун олоти асосии ҷалби маблағгузориҳо ба рушди саноати маъданҳои кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мавриди амал қарор мегардид.

5. Дар зербоби 3.3 диссертатсия маҷмӯи чорабиниҳо барои ташаккули низоми идоракунии корпоративӣ дар корхонаҳои саноати

маъданҳои кӯҳӣ – ҳамчун омили тақвияти фазои сармоягузорӣ пешниҳод карда шудааст. Хуб мешуд, ки чорабиниҳои пешниҳодгардида бо ҳисобу китоби дақиқ асоснок карда мешуданд. Ҳамзамон баҳодиҳии самаранокии истифодаи механизми беҳтарсозии фазои сармоягузорӣ дар соҳаи истихроҷи маъдан бо назардошти истифодаи усули бӯҷавӣ, тиҷоратӣ ва иҷтимоӣ сурат нагирифтааст, ки асоснокии пешниҳодҳои муаллифро тасдиқ намекунад.

6. Диссертатсия дорои хатоиҳои грамматикӣ ва орфографӣ буда, баъзе аз мавҳумҳо ва ҷабҳаҳо ба тариқи мушаххас баён карда нашудаанд.

Камбудиҳое, ки дар боло қайд карда шуданд, моҳияти назариявӣ ва амалии рисолаи мазкурро кам намекунанд ва дорои характери тавсиявӣ мебошанд.

### Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия

Бо ибрози чунин нуқтаи назар гуфтан мумкин аст, ки диссертатсияи Холов Тоҳирҷон Толибҷонович дар мавзуи «Тақвияти фазои мусоиди сармоягузорӣ ҷиҳати рушди саноати маъданҳои куҳии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.01 –«Иқтисодиёти саноат ва энергетика» пешниҳод гардидааст, дар сатҳи зарурии илмӣ иҷро гардида, аз ҷиҳати мазмун ба талаботҳои мавҷуда мутобиқ мебошад. Иловатан гуфтан зарур аст, ки диссертатсияи тақризшаванда ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқат мекунад. Бинобар ҳамин муаллифи он Холов Тоҳирҷон Толибҷонович сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.01 –«Иқтисодиёти саноат ва энергетика» мебошад.

**Муқарризи расмӣ д.и.и., профессори кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон ва муносибатҳои иқтисодии байналмилалии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон** **Ходжаев П.Д.**

**Суроғаи донишгоҳ: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, /2.**
**Телефон: +992(37) 234-83-46, +992(37) 234-85-46, (+992) 93860 75 03 (м). www: .tguk.tj.**

**Имзои П.Д. Ходжаевро тасдиқ менамоям:**
**Сардори ШК ва КМ** **Пирзода С.С.**